# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036-и назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертацияи Давлатова Моҳшариф Олимовна дар мавзуи «Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ» (дар асоси асари “Ҷен Эйр”-и Ш.Бронте), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Диссертатсия ва автореферати **Давлатова Моҳшариф** Олимовна дар мавзуи «Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ» (дар асоси асари “Ҷен Эйр”-и Ш.Бронте) мавзуи мубрам ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи ва автореферати пешниҳодшуда ҷиҳати дифоъ дар Шурои диссертстсионии 6D.KOA-036 назди Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мувофиқат мекунад. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқи типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ дар асоси асарҳои бадеӣ барои рушди тарҷума, махсусан, тарҷумашиносии тоҷик заминаи мусоид фароҳам меорад. Тарҷумашиносӣ ҳамчун илм дар охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX ба вуҷуд омада, диққати забоншиносону тарҷумашиносони соҳаро ба худ ҷалб намудааст. Олимони соҳа кӯшиш ба харҷ додаанд, то дар ин самт корҳои назаррасе анҷом диҳанд. Бо вуҷуди таҳқиқоти мавҷуда, бештари ҷанбаҳои тарҷумашиносии тоҷик матраҳ нагардида, то имрӯз ҳалталаб боқӣ мондааст. Аз ҷумла, таҳқиқи типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ дар асоси асарҳои бадеӣ то ба имрӯз аз тарафи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба таври мушаххас омӯхта нашудааст. Таҳқиқи он барои ҳалли як қатор масоили назариявию амалии тарҷумаи забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ бунёди асосӣ ва устувор ба шумор меравад. Ҳамин тавр, мулоҳизоти дар боло овардашуда аз аҳаммияти илмию амалӣ доштани мавзуи мавриди таҳқиқ шаҳодат медиҳад. Таҳқиқоти мазкур натиҷаи ҷустуҷӯ ва заҳмати беандозаи муҳаққиқ маҳсуб ёфта, мазмуну мундариҷаи диссертатсия дар 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи КОА ҶТ ва 3 мақолаи дигар дар ҳамоишу конфронсҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ ва байналмилалӣ пешниҳод гардидааст. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи

чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мувофиқат менамоянд.

Мавод ва натиҷаҳои илмии диссертатсия барои пажуҳиши минбаъдаи паҳлуҳои гуногуни соҳаҳои забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ мусоидат менамоянд. Он муҳаққиқони соҳа, ки таҳқиқоти худро ба ҷанбаҳои гуногуни тарҷума, хусусан, тарҷумаи матнҳои бадеӣ равона мекунанд, ҳамчун роҳнамои илмӣ хизмат менамоянд. Аҳаммияти назариявии таҳқиқ, ҳамчунин, аз он иборат аст, ки далелҳои асосноки пешниҳодшудаи муҳаққиқ оид ба мушкилоти луғавӣ дар тарҷумаи бадеӣ дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ холигоҳи назариявии тарҷумашиносии тоҷикро пур хоҳад кард.

Натиҷаҳои таҳқиқ барои мутахассисони соҳаи тарҷума дастури амалӣ ба ҳисоб меравaнд. Номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ, хатоҳо дар раванди интиқоли воҳидҳои луғавии муодил ва бемуодил ва роҳҳои бартараф намудани онҳо, ки дар диссертатсияи мазкур нишон дода шудааст, роҳнамо барои тарҷумонони минбаъда мегардад.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2020, таҳти № 5/7.12 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ баён ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ дар хулосаи диссертатсия зикр шудааст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна дар мавзуи “Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари “Ҷен Эйр”-и Ш. Бронте)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илм

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна дар мавзуи “Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари “Ҷен Эйр”-и Ш. Бронте)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Муассисаи давлатии таълимии

"Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода" ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси **6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ** мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Баротзода Файзиддин Камолиддин** - доктори илмҳои филологӣ, профессор *муовини* раиси *Кумитаи забон ва истилоҳоти* назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **;**
- Ҳусейнова Гулпарӣ Аҷикуллоевна – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Институти забон ва адабиёт ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода" ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис(100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор, Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор, Каримов Шуҳрат Бозорович

номзади илмҳои филологӣ, дотсент, Ҳасанова Шаҳло Раҳмоновна

«18» апрели соли 2025
Имзоҳои М.Т. Ҷабборова, Ш.Б.Каримов
ва Ш.Р.Ҳасановаро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

**Нишонӣ:** 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода»
Тел.: +992 372325000, Факс: +992 372325003,Сомона: www.ddzt.tj